*Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №34 (2861) | СЕШАНБЕ, 27 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# Зиёӣ пул миёни дирӯз, имрӯз ва фардои ҷомеа мебошад

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар

*20 марти соли 2012*

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Инак, дар сарзамини бостонии мо боз иди бузург ва зебои миллиамон – Наврӯзи оламафрӯз, ки ҳамасола чун пайки ҷовидониву хуррамӣ ва рамзи ҳамбастагии инсону табиат фаро мерасад, бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат бо камоли хушиву сарфарозӣ ҳамаи ҳамватанони азиз, кулли тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ва тамоми алоқамандони Наврӯзи Аҷамро, ки ин ҷашни фархундаро ҳамчун мероси маънавию фарҳангии инсоният, соли нави аҷдодӣ, эҳёи табиат, пирӯзии нур бар зулмот ва тантанаи некӣ бар бадӣ пазируфтаанд, самимона ва бо ибрози беҳтарин нияту орзуҳо табрик мегӯям.

Боиси сарфарозист, ки мулоқоти имсола бо аҳли зиё дар китобхонаи тозабунёди миллии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи меъморону бинокоронро барои заҳмати шабонарӯзӣ дар бунёди ин иморати зебо, инчунин зиёиёни мамлакат, аҳли илму маърифат ва дӯстдорони китобро ба муносибати ифтитоҳи ин кохи бузурги донишу фарҳанг табрику таҳният мегӯям.

Хеле рамзист, ки ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ ба арафаи ҷашни Наврӯзи хуҷастапай рост омада, тӯҳфаи арзанда ба мардуми маърифатпарвари мо гардид.

Соли сеюм аст, ки Наврӯз бар асоси Қарори Созмони Милали Муттаҳид чун ҷашни ҷаҳонӣ таҷлил мегардад. Ин иқдом аз бузургиву шаҳомати Наврӯз, ки аз ин пас доманаи анъанаву ойинҳои он чун васлгари тамаддунҳо ва халқу кишварҳо густариш хоҳад ёфт, возеҳ шаҳодат медиҳад.

Воқеан дар давоми ҳазорсолаҳо, вақте ки офтоб аз хати устуво гузашта, нимкураи шимолиро тарк мекунад, фасли баҳор оғоз мешавад.

Халқҳои Осиёи Марказӣ, Эрону Афғонистон, Ҳинду Покистон, ҳавзаи баҳри Сиёҳ, Қафқоз, Шарқи Наздик ва манотиқи дигар бо омад – омади Наврӯз расму анъанаҳои қадимаи худро ба ҷо меоранд.

Ин расму ойинҳо рамзи гардиши ҷовидонаи зиндагӣ ва бедории табиат буда, аз қадимулайём ба мардум ҳамчун манбаи нерӯ ва илҳом хизмат мекунанд. Итминон дорем, ки халқҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон дар заминаи расму ойинҳои наврӯзӣ роҳи сулҳу ҳамкорӣ ва ҳамзистии осоиштаро пеш гирифта, муносибатҳои дӯстонаву мусолиматомезро дар саросари ҷаҳон таҳким мебахшанд.

Ҳарчанд имрӯз мардуми бештар аз бист кишвари ҷаҳон Наврӯзро ҳамчун иди расмӣ ҷашн мегиранд, ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки ормону арзишҳои волову ғановатманди он ба тамоми инсоният тааллуқ доранд. Наврӯз чун «Шоҳнома» достонҳо дорад, ки шарҳу баёни онҳо дар доираи як суханронӣ аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, мо танҳо чанд лаҳзаеро аз сайри таърихии он ёдовар мешавем.

Сароғози ҷашни Наврӯзро ба подшоҳони пешдодӣ, махсусан Ҷамшед, нисбат медиҳанд. Чун Ҷамшед бар сар тоҷ ниҳоду бар тахт нишаст, дастур дод, ки ин рӯзро ҳамчун рӯзи наву фархунда ҷашн гиранд.

Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-и худ мефармояд: «Сабаби ниҳодани Наврӯз он буда, ки чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ пайравӣ карданд». Аммо сарчашмаҳои куҳан далолат мекунанд, ки Наврӯзро пеш аз подшоҳони пешдодӣ низ таҷлил менамуданд ва ба он ҳамчун иди муқаддас арҷ мегузоштанд. Таърихнигорони маъруф замони пайдоиши Наврӯзро ҳанӯз ду ҳазор сол пеш аз мелод таъкид кардаанд.

Мақом ва эътибори Наврӯз то андозае баланд буда, ҳаёти бисёр ашхоси таърихиро ба он марбут донистаанд, ки ин худ рамзи хуҷаставу муборак будани ин ҷашни бостонист.

Аз ҷумла дар ривоятҳои таърихӣ зикр шудааст, ки нахустин подшоҳони пешдодӣ Каюмарс ва Ҳушанг дар рӯзи Наврӯз ба дунё омадаанд. Ва қаҳрамони миллии мардуми ориёинажод Соми Наримон дар ҳамин рӯз ба саркӯбии мардумозорон бархост, бунёди табаҳкорӣ, зулму истибдод ва фисқу фасодро аз байн бурд ва осоишу амну амони мардумонро пойдор сохт.

Донишманди бузург Абӯрайҳони Берунӣ мегӯяд, ки Худованд дар рӯзи Наврӯз нуру рӯшноиро офарид ва баъзе муаллифони дигар бар онанд, ки Наврӯз рӯзест, ки фалак ба гардиш оғоз намудааст.

Имрӯз аз миёни бозмондаҳои Тахти Ҷамшед, Суғду Саразм, Балхи бостон, Кайқубоду Тахти Сангин, Афросиёбу Варахша, Золи Зари Хуталон ва дигар манотиқи таърихӣ садои ҷашнҳои наврӯзӣ ба гӯш мерасанд, ки ниёгони тамаддунсози мо барпо мекарданд.

Муаррихони маъруф менависанд, ки Тахти Ҷамшед ва дигар коххои даврони Куруши Кабиру Доро мазҳари қудрату шукӯҳи мардуми ориёӣ буданд, ки ваҳдату ягонагии ҷомеаи он давронро таъмин менамуданд.

То кунун дар Тахти Ҷамшед акси намояндаи сарзамини қадимии Суғд ба назар мерасад, ки дар қатори дигар намояндагон роҳи тӯлониро паймуда, барои шодбошии Наврӯз ба ҳузури шоҳ роҳ ёфтааст.

Тахти Ҷамшед аввалин қадамгоҳи устувори ҷаҳонишавии Наврӯз гардид, ки бо шукӯҳу шаҳомат дар сатҳи баланди давлатӣ баргузор мегашт.

Харобаҳои Тахти Ҷамшед, ки шукӯҳи ҷашнҳои наврӯзиро дар худ таҷассум намудаанд, ҳамчун тимсоли ақлу хиради нотакрори мардуми ориёӣ дар зери чархи гардун боқӣ монда, то ба имрӯз мардумони оламро ба ҳайрат мегузоранд. Яъне, хиради инсонӣ, бунёдкорӣ, зебоӣ ва тамаддунофарӣ аз ҷангу харобкорӣ нерӯмандтар аст ва ҳамеша бар қувваҳои аҳриманӣ пирӯз мегардад.

Ба гуфтаи бостоншиносон, дар аҳди Хусрави Парвиз Наврӯз чун ҷашни миллӣ ва ҷаҳонӣ таҷлил мегашт. Ҳазорон нафар аҳли ҳунар бо сарварии Борбади ромишгар ҷашнҳои наврӯзиро оламгир карда буданд. Достони мусиқии Борбад бо номи «Хусравонӣ» 30 лаҳни гуногунтаркиб ва 360 таронаи рангорангро фаро мегирифт ва даҳҳо таронаҳои он Наврӯзро васф мекарданд.

Рӯҳ ва ғояи ҷовидонии сурудаҳои Борбад ба оҳангу таронаҳои «Шашмақом», «Фалак» ва дигар осори мусиқии мо ворид гардида, бунёди созу навои аксари мардумони Машриқзаминро гузоштааст.

Готҳо ё сурудҳои китоби муқаддаси Авасто саховати замин, амвоҷи киштзорон, фаровонии зироатҳо, хурӯши ҷашмасору дарёҳо ва боғу бӯстонҳои сабзу хуррамро тараннум менамоянд. Аз саҳифаҳои он садои Замин - Модар ба инсоният, яъне ба фарзандонаш, бо ин мазмун ба гӯш мерасад:

«Эй инсон! Эй он, ки маро бо дасти чапу рост ва росту чап мероиву кишт мекунӣ! Агар ба оғӯши ман як дона гандум бипартоӣ, ман ба ту сад дона хоҳам дод. Ҳар қадар ки хоҳӣ, ба ту ғаллаву мева ва ризқу рӯзӣ бармегардонам».

Бубинед, ки ин панди пурҳикмат инсонро ба меҳнат кардан, ба дӯст доштани замин ва офаридани неъматҳои моддӣ даъват менамояд.

Чун дини мубини ислом пирӯз гашт, ба арзишҳои волои Наврӯз эҳтиром гузошт ва он ба сайри таърихии худ идома бахшид.

Ҳангоме ки Сомониён чун поягузорони давлати миллии тоҷикон дар арсаи таърих падид омаданд, Наврӯз мақоми боз ҳам баланде ёфта, ҷилои тоза пайдо кард ва ба нерӯи бузурги муттаҳидсозандаи аҷдоди мо ва омили худшиносии таърихиву миллии онҳо табдил ёфт.

**Дӯстони азиз!**

Бист сол аст, ки Тоҷикистон Наврӯзи хуҷастапайро дар марҳалаи нави таърихи худ, яъне дар шароити истиқлоли давлатӣ, дар даврони созандагиву бунёдкориҳо ва рушди устувор, таҷлил менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз волотарин суннатҳои Наврӯзро чун дар аҳди Куруши Кабиру Доро, Хусрави Парвизу Борбад, Исмоили Сомониву Рӯдакӣ аз нав эҳё намуд ва мазмуну шукӯҳи тоза бахшид.

Дар Наврӯзи имсола маврид баҳрабардорӣ қарор додани китобхонаи нави миллӣ, ки аз лиҳози меъморӣ ва шаҳомату зебоӣ тарҳи нотакроре дорад, бешак, рӯйдоди таърихист.

Итминони комил дорам, ки ин кохи бузурги фарҳанг асрҳои аср ба мардуми маърифатпарвари мо хизмати шоиста хоҳад кард.

Саҳни ин бинои мӯҳташамро нимпайкараҳои даҳҳо фарзандони бузурги миллат, ки дар масири таърих парчами озодиву истиқлол, донишу маърифат ва адабиёту фарҳангро баланд афрохтаанд, шукӯҳу шаҳомати хоса бахшидаанд. Ин қасри бузурги фарҳанг аз бунёдкориҳои даврони истиқлолият ва сиёсати фарҳангофарии Ҳукумати Тоҷикистон равшан гувоҳӣ медиҳад.

Имрӯз, ки ҷашни Наврӯз дар китобхонаи нави миллӣ доир мегардад, ҷоиз медонам, ки оид ба таърихи китобдории мардуми фарҳангпарварамон ва нақши китоб дар ҳаёти ҷомеа чанд сухан иброз дорам.

Мехоҳам бо камоли ифтихор зикр намоям, ки тоҷикон аз қадимулайём соҳиби фарҳанги баланди китобдориву китобхонӣ буда, ба килку қалам ва девону дафтар арҷ мегузоштанд ва онҳоро чун гавҳари пурқимат эҳтиёт мекарданд. Зеро халқи мо аз даврони қадим китобро сарчашмаи ақлу хирад, донишу заковат, ахлоқи ҳамида ва беҳтарин ҳамнишину ҳамроз, омӯзгори беминнат, ҳамсӯҳбати хушгуфтору беозор мепиндошт. Ва бузургони мо китобро аниси кунҷи танҳоӣ ва фурӯғи субҳи доноӣ медонистанд.

Китоб аст, ки таърихи куҳанбунёди мо, ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, дурдонаҳои назми ҳазорсолаи мо, достонҳо ва илму дониши даврони бостонӣ, хираду заковати наслҳо ва халқҳоро зинда нигоҳ медорад. Китоб аст, ки бо нури донишу маърифат роҳи мардумонро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст.

Агар ба саргузашти халқи тоҷик назар афканем, мебинем, ки таърихи бунёди китобхонаҳо ва китобсӯзиҳо шабеҳи тақдири худи вай мебошад, ки борҳо дар оташи лашкаркашиҳои аҷнабиёни яғмогар сӯхтаву хокистар шуда ва мисли мурғи самандар аз нав эҳё гашта, умри абад ёфтааст. Китобсӯзӣ ва ба оташ кашидани афкор ва ҷаҳонбинии халқи мо нахустин бор аз китоби муқаддаси Авасто оғоз шуда буд. Хушбахтона, шаҳриёрони сосонӣ онро қисман аз хотираи донандагони ин китоби муқаддас дубора барқарор намуданд.

Ба ёд меоварем фарҳангистони даврони сосониёнро ба номи «Гунди Шопур», ки дорои китобхонаи беназире буд. Дар дарвозаи ин фарҳангистон суханони зер чун шиор сабт шуда буданд: «Донишу хирад тавонотар аз шамшер аст». Китобҳои фарҳангистон дар 250 ҳуҷра ҷой дода шуда, аксар ба забони паҳлавӣ иншо ёфта, инчунин аз забонҳои юнонӣ ва санскрит тарҷума шуда буданд. Китобхонаи мазкур тамоми илму дониши он замон ва давраҳои пешинро фаро мегирифт. Ин махзани беназири китоб бар асари ҳуҷуми лашкари хилофат қисман ғорат гардид ва қисман сӯзонида шуд.

Дар даврони Сомониёни тамаддунпарвар бунёди китобхонаҳо равнақи тоза пайдо кард. Аксари шаҳрҳои он даврон китобхона доштанд.

Ёдгориҳои суғдии кӯҳи Муғ, катибаҳои фаровони таърихӣ бо навиштаҳои пурқимат аз таърихи тамаддуни миллатамон ба талошҳои аҷдоди соҳибназари мо дар офариниши китоб ва мероси хаттӣ ишорат мекунанд.

Ҳифозати бахши асосии нахустқомуси миллати тоҷик – китоби муқаддаси Авасто, ки матни аслии он ба ҳисоби муҳаққиқон фарогири 345 ҳазор вожаву калима мебошад, собит месозад, ки аҷдоди мо дар куҳантарин даврони таърихӣ қудрати ақлонии хешро дар сурати маҷмӯаи камназире ҷовидона таҷассум намудаанд ва ин шоҳкории беназири бостонӣ минбаъд дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири мондагор гузоштааст.

Дар пойтахти давлати Сомониён бузургтарин ва ғанитарин китобхонаи он даврон бо номи «Сивон-ул-ҳикмат» бунёд гашт, ки ба илми китобшиносӣ ва китобдории тоҷикон замина гузошт.

Абӯалӣ ибни Сино дар овони ҷавонӣ аз ин китобхона истифода намуда, баъдҳо ба хотир оварда, ки китобҳои нодири дар ин ҷо дидааш тамоми умр дар ҳеҷ кишваре ба назараш нарасидаанд.

Синои бузург менависад: «Китобхона ҳуҷраҳои бисёре дошта, дар онҳо сандуқҳои китоб гузошта шуда буд. Дар хонае китобҳои арабӣ ва шеър, дар дигаре фиқҳ ва ҳамчунин дар ҳар як хона китобҳои марбут ба ҳар илме мавҷуд буд ва ман феҳристи кутуби мутафаккирони Юнони қадимро хондам ва ба ҳар чӣ ҳоҷат доштам, муроҷиат намудам ва китобҳое дидам, ки бисёре аз мардум исми онҳоро ҳам ҳаргиз нашунида буданд ва ман низ пеш аз ин онҳоро надида будам ва пас аз ин ҳам наёфтам».

**(Идома дар саҳ. 2)**

## Дар бораи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум

Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум 29 марти соли 2012 соати $9^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-28 марти соли 2012 аз соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: 10-42, 22-24, 221-81-28, 227-18-98.

## ● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

# Қонунҳо баррасӣ гардиданд

**20 марти соли 2012 таҳти раёсати муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ғайбулло Авзалов ҷаласа доир гашт.**

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд».

Вобаста ба масъалаҳои муҳокимагардида дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистондаъвати ҷорум пешниҳод гардиданд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мадум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

# Хулосаҳо пешниҳод шуданд

**27 марти соли 2012 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ баргузор гардид.**

Ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин ворид гардид:

1. Доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»
2. Доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
3. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»
4. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номҳои шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо»
5. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо»
6. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини вилоят»
7. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳия»
8. Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара «Оид ба ташкил намудани деҳоти Ваҳдати ноҳияи Тавилдара».

Аъзои Кумита масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаро дар алоҳидагӣ баррасӣ ва дар маҷмӯъ онҳоро ҷонибдорӣ намуданд.

Баъди муҳокимаи масъалаҳои зикргардида хулосаҳои Кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум пешниҳод гардиданд.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

(Идома аз саҳ. 1)

Маҳз давраи Сомониён буд, ки адабу фарҳанги ҷаҳоншумул ва забони ноби тоҷикии форсӣ чун дурри гаронбаҳо то имрӯз бар ҷабини таърих ва тамаддуни башарӣ медурахшад, чеҳраҳо ва ситораҳои дурахшонро тақдими ҷомеаи инсонӣ менамояд.

Донишмандони тавоное, чун устод Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Евгений Бертелс борҳо изҳор доштаанд, ки агар Сомониёни хирадпарвару фарҳангдӯст ба арсаи сиёсат ва давлат намеомаданд, имрӯз сарзамини тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон қаламрави нажоду забони аҷнабиён ба шумор мерафтанд ва адабу фарҳанги ҷаҳоншумули мо чун ғунча лаб во накарда, пажмурда мегашт ва ба боди хазон мерафт.

Аз ин рӯ, метавон бо итминони комил гуфт, ки Сомониён илму фарҳанг, забон ва китобу назми тоҷикиро мақоми хоса бахшиданд ва ин омилҳо боиси ҳастии миллат ва пойдории он гардиданд.

Ҳар лашкаркаше, ки ба сарзаминҳои фарҳангпарвари Мовароуннаҳру Хуросон ҳамла меовард, пеш аз ҳама, марказҳои маънавӣ ва китобхонаву донишмандонро маҳву нобуд месохт.

Муҳаққиқон бар он андешаанд, ки хирмани бузурги назми устод Рӯдакӣ иборат аз як миллиону сесад ҳазор байт асосан бар асари ҳуҷуми чингизиён ба коми оташ кашида шуд ва аз он танҳо донаҳои парешоне боқӣ монданд. Хисороти беандозае, ки аз ҳуҷуми муғул ба фарҳангу маънавиёти мо расидааст, то ба имрӯз эҳсос мегардад.

Биёед, як лаҳза ба гуфтаҳои донишманди тавоно устод Саид Нафисӣ гӯш андозем, ки бо сӯзи дил чунин баён доштааст:

«Сипоҳиёни муғул савора ба масоҷид даромаданд, лавҳҳои Қуръонро охури сутурон, яъне чорпоён карданд, афзори аспони хешро ба дасти донишмандони замона доданд, хирадмандонро куштанд ва пас аз он ҳама иҳонат шаҳрро низ вайрон карданд.

Турбати азизи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии мо сипари суми сутурон шуд. Дар ин миён гуфтаи ӯ ҳам аз миён рафт ва аз он чандин ҷилд китоб, ки маҷмӯаи ашъори вай буд, чизе намонд.

Забони мо бе гуфтаи ӯ чун фарзанде бе модар аст. Агар гуфтаи вай монда буд, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ду мешуд, Унсуриву Фаррухиву Хайёму Саъдиву Ҳофиз анбозе дигар меёфтанд. Забони порсӣ кишваре дигар аз гетӣ мекушод ва кохе дигар дар каронаи ҷаҳон меафрошт».

Ин фоҷиаҳои хунини давронҳои пешин бояд барои инсоният сабақ гарданд, зеро ин ҷаҳони пур аз тазод, ҷангу ҷидол ва ҷоҳталабиву бузургманишиҳо моро водор месозад, ки дар ҳимояи таъриху фарҳангу забон ва асолати милливу дастовардҳои маънавии халқамон ҳушёр бошем.

Бояд гуфт, ки китоб ва сухан аз неруи бузурге бархӯрдоранд. Сухан аз ҷумлаи неъматҳои олии маънавӣ буда, ақлу хирад ва даҳои инсониятро таҷассум менамояд. То ҷаҳон ҳаст ва инсоният боқист, умри сухан безавол аст.

Ба андешаи ман, он ҳама китобҳои сӯхта, китобхонаҳои оташгирифта, ёдгориҳои барбодрафтаи таърихии халқи тоҷик имрӯз дар симои китобхонаи

# Зиёӣ пул миёни дирӯз, имрӯз ва фардои ҷомеа мебошад

миллии мо аз сари нав эҳё гардида, дар роҳи боло бурдани ҷаҳони маънавии халқамон нақши арзанда мебозанд.

Агар мо нақши бузурги китобро дар ҳаёти сиёсӣ ва давлативу иҷтимоӣ равшантар донистан хоҳем, бояд бори дигар асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба хотир оварем.

Дар он давраи ҳассос ва қисматсоз устод Айнӣ соли 1926 дар кӯтоҳтарин муддат китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба майдон овард, даъвоҳои ғаразноки нотавонбинонро фош сохт, ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ба таърихи куҳан, ба забон ва адабиёти оламшумулаш исбот ва таъмин намуд.

Дар марҳалаи нави таърихӣ суннати қадимаи китобдориву китобхонии мо ба сурати тоза ва мазмуну мӯҳтавои нав идома пайдо кард. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Тоҷикистон рушди анъанаи китобдориву китобхониро яке аз самтҳои умдаи сиёсати фарҳангии хеш қарор дода, дар ин росто хеле корҳоро ба сомон расонид.

Рӯзе, ки хишти нахустини Китобхонаи миллӣ гузошта шуд, мо онро дар кишвар ҳамчун Рӯзи китоб эълон кардем. Агар таваҷҷӯҳ карда бошед, қисмати байни бино ду саҳифаи бозшудаи китобро акс менамояд ва ин гувоҳ аст, ки аз ҳамин рӯз сар карда, дарҳои Китобхонаи миллии мо ба рӯйи дӯстдорони китоб ва ҷӯяндагони илму дониш ҳамеша боз хоҳанд буд.

Бояд гуфт, ки дар баробари пешрафту тараққиёти босуръати ҷаҳони имрӯза нақш ва мақоми китоб дар ҷомеа ҳамчун сарчашмаи таҳаввулоти маънавӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ пайваста боло меравад.

Тӯли солҳои мавҷудияти хеш Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ ин рисолати бузурги ҷамъиятӣ ва маърифативу иттилоотиро ба таври шоиста анҷом дод.

Барои тақвият ва такомули фаъолияти китобдорӣ Ҳукумати Тоҷикистон дар даҳ соли охир се барномаи давлатӣ - «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи компютерикунонии китобхонаҳои давлатии оммавии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»-ро қабул кард. Барои иҷрои ин барномаҳо аз буҷети давлат даҳҳо миллион сомонӣ ҷудо карда шуд. Амалӣ шудани ин барномаҳо имкон дод, ки ҳаҷми фонди китобхонаҳои мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳода, ниёзи хонандагон дар самти дастрасӣ ба дастовардҳои асри иттилоот ҳар чӣ бештар қонеъ гардонида шавад.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар шаҳру деҳоти мамлакат беш аз 1330 китобхонаи оммавӣ фаъолият дошта, танҳо дар панҷ соли охир 30 китобхонаи нав дари худро ба рӯи хонандагон боз намуд. Инчунин ҳоло дар саросари кишвар 120 мағозаи фурӯши китоб фаъолият дорад ва танҳо соли гузашта 20 фурӯшгоҳи нави китоб ба истифода дода шуд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки китоб дар рушди маънавиёту маърифати инсонӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, дар ҳар як хонадон бояд китобхонаи шахсӣ вуҷуд дошта бошад, то ки наслҳои имрӯзу оянда, махсусан наврасону ҷавонон ба китоб унс гиранд ва қадркардани онро ҳамчун манбаи донишу маърифат омӯзанд. Дар ин кор падару модарон бояд намунаи ибрат бошанд ва шавқи китобхониро дар дилу шуури фарзандон бедор кунанд.

Худатон қазоват кунед, ки агар ҳар як шахс, масалан, аз синни чордаҳсолагӣ то шастсолагӣ дар як сол бист китоб хонад, теъдоди китобҳои хондааш ба чӣ қадар хоҳад расид ва баҳраи аз онҳо бардоштааш дар тӯли зиндагии ӯ чӣ қадар манфиат хоҳад овард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ волидайнро ба ин амали хайр ҳидоят менамояд.

Ҳамчунин бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам ба мардуми фарҳангпарвари тоҷик, ки дар як муддати кӯтоҳ аз китобхонаҳои шахсиашон садҳо ҳазор нусха китобро ба хазинаи Китобхонаи миллӣ супориданд, изҳори миннатдорӣ намоям.

Китобхонаи нав ҳамчун маркази бузурги илму фарҳанг дар ҷамъовариву нигаҳдорӣ ва тарғиби маҷмӯи аснод бо истифода аз имкониятҳои электронӣ, савтӣ ва дастёбӣ ба захираҳои шабакаи ҷаҳонии интернет тамоми шароити мусоидро фароҳам меорад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамият ва зарурати ин масъала ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» супориш дода мешавад, ки бо ҷалби олимону мутахассисон барои ҷамъоварӣ, феҳристнигорӣ, рақамигардонӣ ва харидории нусхаҳои нодири хаттӣ аз аҳолӣ тадбирҳои мушаххас андешанд ва онҳоро ба истифодаи умум пешниҳод намоянд.

Масоҳати умумии китобхона қариб 45 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Китобхона дорои 40 толори хониш, 22 махзан барои нигоҳдории беш аз 10 миллион нусха китоб ва дигар асноди иттилоотӣ, ҳуҷраҳои маъмурӣ, маҷлисгоҳҳо ва толорҳои баргузории ҷаласаҳо, симпозиуму конфронсҳо, чопхонаву лабораторияҳои тармими китобҳо, бахшу шӯъбаҳои корӣ ва дигар шабакаҳои хизматрасонист, ки ҳамаи онҳо ба талаботи меъёрҳои ҳозиразамон ҷавобгӯй мебошанд.

Илова бар ин, дар китобхона толорҳои хониши электронӣ мавҷуданд, ки бо таҷҳизоту технологияи муосир муҷаҳҳазанд ва бо китобхонаҳои мамолики пешрафтаи дунё робита доранд.

Ҷаҳон ҳама вақт ба неруи ақлонӣ эҳтиёҷ дорад. Кишварҳое, ки аз ин неру пурғановатанд, дар тамоми соҳаҳо пешсаф ва намунаи ибрат мебошанд. Олимон ва донишмандон дар ҷомеа бояд ҳамеша пешсафу пешоҳанг ва бунёдкор бошанд, зеро ҳеҷ кор бидуни назария, яъне илму дониш ҷомаи амал намепӯшад. Ҳама гуна кор ва умуман пешрафт, ба роҳнамои босаводу соҳибмаърифат ниёз дорад. Аз ин рӯ, нақши зиёӣ дар тамоми давраҳо ва хусусан дар замони истиқлол, хеле бузург мебошад.

Ман дар ин бора қаблан борҳо гуфта будам ва ҳоло низ бо истифода аз фурсат мехоҳам ин андешаамро тақвият бахшам.

Зиёӣ, ки шахси таҳсилдидаву равшанфикр аст, нуру рӯшноии ҷомеа маҳсуб мешавад ва бояд аҳли ҷомеаро ба сӯи созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят созад, ҳамеша дар фикри пешрафту такомули илму фарҳанг, рушди забон ва ҳифзи тозагии он ва гузашта аз ин, дар андешаи таҳкими суботу оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва давлат бошад.

Равшанфикрон, бахусус дар шароити ҷаҳони нооромии имрӯза, набояд бетараф бошанд, баръакс, бояд ҳама вақт дар сафи пеши корҳои созандагӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва инсонӣ қарор дошта бошанд.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки зиёӣ бавуҷудоранда, рушддиҳанда ва пешбарандаи афкори ҷомеа, намунаи ибрати мардум, бахусус насли ҷавон, аст. Зиёӣ меҳвар ва ченаки баҳои ҷомеаи беруна ба ҷомеа ва кишвари мост. Зиёӣ ченаки дараҷаи маданият ва тафаккури миллат маҳсуб мешавад. Зиёӣ пул миёни дирӯз, имрӯз ва фардои ҷомеа мебошад.

Ин аст рисолати азалӣ ва ҳамешагии афроди зиёӣ!

**Дӯстони азизу арҷманд!**

Наврӯз барои миллати тоҷик амсоли китоби муқаддасест, ки он таҷассумгари андеша, фалсафа, суннат, орзуву ормон, тафаккури таърихӣ, сиришти маънавӣ ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ мебошад.

Дар замири ин ҷашни фархунда рӯҳи заволнопазири некиву накӯкорӣ, бахшоишу меҳрубонӣ, покизагии маънавию ҷисмонӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва дӯстиву сулҳу амонӣ нуҳуфтааст.

Наврӯз айёмест, ки хурду бузург пероҳани наву тоза ба бар намуда, рӯҳу ҷонро тоза карда, ғубори кудуратро аз дилҳо берун намуда, бо қалби поку ниятҳои нек гирди дастархони ҳафтсину ҳафтшин давра мeороянд.

Наврӯз мунодии сулҳу дӯстӣ, ҳамгироиву ҳамкорӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият аст. Тароват ва зебоиҳои Наврӯз басо ҷаззобу муассиранд. Рахти сафар бастани сармо, об шудани барфу яххо, ба эътидол омадани ҳаво, дамидани сабзаҳо, қабои сабз ба бар кардани дарахтон, шукуфтани гулҳо дар дили инсонҳо неруи тоза ва майлу рағбати беандоза падид оварда, умеди рӯзгори хушу хуррам ва шавқи меҳнату бунёдкориро шӯълавар мегардонанд.

Дар ин маврид, Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-и хеш меоварад:

«Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн гирад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

Дар тақвияти ин суханони ҳакими бузург мехоҳам аз самими қалб ба ҳамаи шумо, ҳозирини мӯҳтарам, ба мардуми шарифи Тоҷикистон ва кулли мардумони некхоҳи олам хушбахтиву сарбаландӣ ва сарсабзиҳои наврӯзӣ орзу намоям.

Бигзор, аз фурӯғи Наврӯзи оламафрӯз дилҳо ва кошонаҳо ҳамеша пурнур ва саршор аз шодиву сурур бошанд!

Бигзор, ҳаёти ҳар як инсон чун чеҳраи тобноки Наврӯз ҳамеша шукуфон ва дурахшон бошад!

Наврӯзатон пирӯз бод, ҳар рӯзатон Наврӯз бод!

Наврӯзат фархундаву ҷовидон бод, Тоҷикистони азиз!

# Ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ ва мулоқоти Сарвари давлат бо зиёиёни кишвар



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 20 марти соли 2012 бинои боҳашамати Китобхонаи миллии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуда, дар он чун анъанаи наврӯзӣ бо намояндагони сершумори аҳли зиё мулоқоти пурсамар анҷом дод.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои зебою замонавии нӯҳошёна ва боҳашамати Китобхонаи миллии Тоҷикистонро, ки аз рӯ ба рӯяш шакли китоби кушодаро дорад, бо буридани лентаи рамзӣ мавриди баҳрабардории аҳли илму фарҳанг ва мардуми донишандӯз қарор дод.

Тавре аён гардид, ба хотири гиромидошти арзишҳои волои миллӣ, бузургдошти мероси пурғановати ниёгон ва зиндасозию абадигардонии хотираи неки таърихӣ дар намои бинои Китобхонаи миллӣ нимпайкараи 22 чеҳраи намоёни илму адаб ва фарҳанги миллати тоҷик, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абӯбакри Розӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Ибни Муқаффаъ (Рӯзбеҳ), Робияи Балхӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода ҷойгир шудаанд.

Зимни шиносоӣ бо шароити китобдорӣ, хизматрасонӣ ба мардуми китобхон ва дигар зоирони ин маркази бузурги фарҳангӣ, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки он аз нигоҳи масоҳат, ғунҷоиши фонди китоб, фарогирии хадамоти китобдорӣ-иттилоотӣ ва фаъолияти фарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ беназир аст. Дарозии бино 167 метр ва баландиаш 52 метр буда, масоҳати умумии он баробар ба 45 ҳазор метри мураббаъ аст.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ки дорои 25 толори хониш бо якуним ҳазор ҷойи нишаст, 28 махзани нигоҳдории китобу санадҳо ва 10 толори маҷлисӣ аст, барои нигоҳдории 10 миллион нусха китоб пешбинӣ шудааст. Имрӯз фонди умумии Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз 6 миллиону 200 ҳазор нусха маводи чопию электронӣ иборат аст.

Дар компютерҳои толори калони хониши электронии китобхона, ки 170 ҷойи нишаст дорад, 500 ҳазор китоби электронӣ мавҷуд аст. Ғайр аз ин тамоми толорҳои хониши электронӣ тавассути интернет бо беҳтарин китобхонаҳои электронии ҷаҳон робита доранд, ки аз афзалиятҳои муҳими ин муассисаи бузург аст.

Китобхона дорои толорҳои гуногуни хониш, маҳфузгоҳҳо барои нигоҳдории китоб ва дигар асноди иттилоотӣ, ҳуҷраҳои маъмурӣ, маҷлисгоҳҳо ва толорҳои баргузории ҷаласаҳо, симпозиуму конфронсҳо, чопхонаву лабораторияҳои тармими китобҳо, бахшу шӯъбаҳои корӣ ва дигар шабакаҳои хадамотӣ аст, ки ҳама ҷавобгӯи талаботи стандарти ҷаҳонӣ мебошанд.

Аксари толорҳои хониш соҳавианд ва китобҳои зарурӣ дар худи толорҳо нигоҳ дошта мешавад, ки барои хонандагон басо мусоид аст. Бисёр намуди хизматрасониҳо ба таври электронӣ анҷом дода мешавад. Аз ҷумла хонанда аз ҷойи нишасташ метавонад китоби зарурии худро тавассути шабакаи дохилии электронӣ дархост кунад ва дар муддати кӯтоҳ маводи фармудааш ба ӯ дастрас мегардад.

Толорҳо барои чорабиниҳои илмию фарҳангӣ, аз ҷумла конфронсу симпозиумҳо, тарзе бино ёфтаанд, ки дар онҳо ҳамоишҳои сарони давлатҳоро низ баргузор кардан имкон дорад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои зиёд намудани ҷойҳои нишаст дар толорҳо, пурсамар истифода бурдани ҳар як метри масоҳати холимонда, бо нақшу нигори миллӣ оро додан ва бо гулу ниҳолҳои ҳамешасабзи хонагӣ пок нигоҳ доштани ҳавои дохили бино ба масъулин дастуру ҳидоятҳо дод.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчунин дорои аҳамияти калони иҷтимоӣ аст, зеро шумораи танҳо кормандони хизматрасон, ки бо ҷойгоҳи автоматикунонидашудаи корӣ бо компютерҳо таъмин мебошанд, ба 312 нафар мерасад. Дар маҷмӯъ ин ҷо 520 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мешаванд.

Бино бо воситаҳои замонавии ҳамлу нақли бор, эскалатор, лифт, камера ва таҷҳизоти дигари назорату мушоҳида, шабакаҳои электронии гармидиҳӣ, ҳаворасонӣ, шамолдиҳӣ, огоҳсозӣ аз хатари сӯхтор ва сӯхторнишонии автоматӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Китобхона ҳамчунин дорои ошхонаю қаҳвахона бо 560 ҷой ва 215 ҷойи нишаст барои тафреҳ мебошад.

Дар сохтори Китобхонаи нав, ҳамчунин созмондиҳии маҳфузгоҳҳо, шӯъбаҳо, бахшҳо, марказҳо ва толорҳои нави хониш ба нақша гирифта шудаанд.

Бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва мавриди истифода қарор гирифтани он барои ба марҳилаи нави рушд ворид шудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин соҳа мусоидат карда, имкон медиҳад, ки дар радифи такмили фонди китобӣ бо адабиёти ниёзи хониш, низоми нисбатан комили автоматикунонии равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ ҷорӣ гардад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони сершумори аҳли зиёи кишвар, ки дар яке аз толорҳои бузурги Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, аҳли толор ва мардуми кишварро бо фарорасии ҷашни ҷаҳонигаштаи Наврӯзи хуҷастапай ва ифтитоҳи ин махзани беҳамтои илму фарҳанг табрику таҳният гуфт.

Дастур дода шуд, ки минбаъд ҳар сол 4 сентябр, ки соли 2007 аз ҷониби Сарвари давлат Рӯзи китоб эълон гардида буд, дар тамоми гӯшаю канори кишвар бо шукӯҳи хоса таҷлил карда шавад. Хотиррасон бояд намуд, ки 4 сентябри соли 2007 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон санги асоси Китобхонаи миллии Тоҷикистон гузошта шуда буд.

Дар ҷараёни суханронӣ ва сӯҳбатҳо бо аҳли зиё Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба вусъат додани фаъолияти эҷодӣ, бедор намудани завқи китобхонию фарҳангдӯстии мардум, бахусус ҷавони кишвар, ҳидоят намуда, изҳори боварӣ намуд, ки фаъол гардидани Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар раванди афзун намудани майлу рағбати аҳли ҷомеа ба китобу китобхонӣ ва илмомӯзӣ нақши бузург мегузорад.

*www.prezident.tj*

# Гузориш аз ҷараёни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарони давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Покистон

**24 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод, ки барои иштирок дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Конфронси 5- уми байналмилалии ҳамкории иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA- 5) ба шаҳри Душанбе ташриф овардааст, мулоқот намуд.**

Сарони ду давлати дӯсту ҳамзабон нахуст ҳамдигар ва мардумони Тоҷикистону Эронро бо фаро расидани Наврӯзи оламафрӯз ва ҷаҳонишавии ин ҷашни пурифтихор табрику таҳният гуфтанд.

Зимни сӯҳбати хоса ва музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеъ масоили ҳамкории дуҷониба ва минтақавии ду кишвар, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва тиҷорат, энергетика, саноат, ҳамлу нақл, илму техника, фановарӣ, кишоварзӣ, маориф ва фарҳанг баррасӣ шуд.

Бо хушҳолӣ изҳор гардид, ки тайи даҳ соли охир ҳаҷми умумии муомилоти молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Эрон панҷ баробар зиёд гардида, ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия, саноат ва кишоварзӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок тақвият ёфт. Қаноатмандӣ, ҳамчунин аз иштироки ширкатҳои эронӣ дар татбиқи барномаҳои инфрасохторӣ ва иртиботот, қабл аз ҳама роҳҳо, пулҳо, шабакаҳои об, нафт, газ, хатҳои интиқоли барқу васоили иттилоотӣ изҳор карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд доир ба идомаи ҳамкории босамар дар бунёди нерӯгоҳҳои обӣ, хатҳои интиқоли неруи барқ, роҳу пулҳо, ба ҳам пайвастани шабакаҳои энергетикию нақлиётии ду кишвар, суръат бахшидан ба имконсанҷии лоиҳаи бунёди роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон ва дигар лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ сурат гирифт.

Зимни сӯҳбати пурмӯҳтаво ҳар ду ҷониб ҳавасмандии устувори худро ба густариши бештари равобити дӯстӣ ва ҳамкории гуногунпаҳлу таъкид намуданд.

**24 марти соли 2012 ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Покистон дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Осиф Алӣ Зардорӣ ва баъдан зимни музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеъ мавриди муҳокима қарор гирифт.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз пайвастагӣ ва мӯҳтавои мулоқотҳои сатҳи олии миёни ду кишвар изҳори боварӣ намуд, ки рушди робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ, саноатӣ, кишоварзӣ ва ҳам амнияти Тоҷикистону Покистон на танҳо ба нафъи ҳар ду кишвар, балки кулли минтақа, аз ҷумла Афғонистон мебошад.



Аз густариши бесобиқаи робитаҳои сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорону тоҷирони ду кишвар, ки боиси афзоиши намоёни ҳаҷми муомилоти молу маҳсулот миёни ду кишвар гардидааст, изҳори хушҳолӣ карда шуд.

Ба идомаи машваратҳои судманди сиёсӣ ва таҳкиму густариши ҳамкории миёни сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ду кишвар дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳони муосир низ изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

**Шоми 24 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, ки он бегоҳ барои иштирок дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Конфронси 5 – уми байналмилалии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA-5) ба шаҳри Душанбе ташриф овард, мулоқот намуд.**

Масоил вобаста ба муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории миёни Тоҷикистон ва Афғонистони ҳамсоя нахуст дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат ва сипас зимни музокирот бо иштироки ҳайатҳои расмӣ баррасӣ шуд.

«Мо самимона хоҳони таъмини сулҳ, амният ва суботи Афғонистон ва саодату хушрӯзии мардуми бародари он ҳастем» - таъкид дошт зимни сӯҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва афзуд: «Мо хоҳони онем, ки ҷомеаи байналмилалӣ баъди соли 2014 низ Афғонистонро ҳамаҷониба дастгирӣ намояд».

Тавре таъкид гардид, «Тоҷикистон низ дар доираи имконоти худ ба таҳкими суботи сиёсӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Афғонистон саҳми намоёни худро мегузорад».

Бо ёдоварӣ аз фаъолшавии хати 220 - киловолтии интиқоли барқи Сангтӯда – Қундуз – Пулихумрӣ изҳори боварӣ карда шуд, ки имсол то 700 мегаватт неруи барқ аз Тоҷикистон ба Афғонистон содир карда мешавад.

«Тоҷикистон ҳамчунин метавонад дар бунёди нерӯгоҳҳои барқӣ дар Афғонистон иштироки фаъол дошта бошад», - бо итминон изҳор дошт Эмомалӣ Раҳмон. Тавре иттилоъ дода шуд, аз ҷониби як ширкати Тоҷикистон имрӯз дар вилояти Нимрӯзи Афғонистон Банди Камолхон бунёд меёбад, ки бо анҷоми он ҳудуди 80 ҳазор гектар замин обёрӣ ва наздики 300 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор хоҳанд шуд. Аз ҷониби ҳамин ширкат як лоиҳаи аз ин бузургтар дар вилояти Форёб оғоз ёфтааст.

Бо хушнудӣ иттилоъ дода шуд, ки танҳо дар соли 2011 мубодилаи мол миёни Тоҷикистону Афғонистон нисбат ба соли 2010 ҳудуди ду маротиба афзуда, ба беш аз 200 миллион доллари амрикоӣ расид. Дар соли 2012 ин нишондод имкон дорад то ба 250 – 300 миллион доллари амрикоӣ расонда шавад. Тайи 6 соли охир бошад, мубодилаи мол қариб 40 баробар афзудааст.

Бо дарназардошти судоварии беҳудуди лоиҳаҳои сершумори минтақавӣ, аз қабили бунёди роҳҳои нави оҳану мошингард, нерӯгоҳҳои барқӣ, кашидани хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқ ва ғайра, ҳар ду ҷониб ҳавасмандии устувори худро ба афзоиши ҷаҳду талош дар ин масир таъкид доштанд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки Конфронси 5-уми байналмилалии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA-5), ки рӯзи 26 март дар шаҳри Душанбе оғоз меёбад, имконоти хуб барои муаррифии шоистаи чунин лоиҳаю барномаҳо ба миён меоварад.

*www.prezident.tj*

# ФАРҲАНГИ НАВРӮЗ ХИСЛАТУ ҶАВҲАРИ ИНСОНСОЗ ДОРАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012**

*25 марти соли 2012*



**Олиҷанобон, ҷалолатмаобон! Хонумҳо ва ҷанобон! Ширкаткунандагони Ҷашни ҷаҳонии Наврӯз!**

Сарфарозам, ки ташрифи бародарони азизу арҷманд Ҷалолатмаоб Ҳомид Карзай – Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷаноби Олӣ доктор Маҳмуди Аҳмадинажод – Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷаноби Олӣ Осиф Алӣ Зардорӣ – Раиси Ҷумҳурии Исломии Покистон, роҳбарони ҳайатҳои воломақоми кишварҳои дӯсти Озарбойҷон, Ҳиндустон, Хитой, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, намояндагони олирутбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, ташкилотҳои дигари байналмилалиро ба Тоҷикистон хайра мақдам мегӯям. Нек дар хотир дорам, ки соли гузашта, ҳангоми таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Теҳрон байтеро ба забон оварда будам, ки ба андешаи банда бо лаҳзаҳои фараҳбахши имрӯза низ созгор аст:

*Зи кӯи ёр меояд насими*
*боди наврӯзӣ,*
*Аз ин бод ар мадад хоҳӣ,*
*чароғи дил барафрӯзӣ.*

Имрӯз мо байни ёрон қарор дорем, ки бо чеҳраҳои кушода ин толори мунаққашро мунаввар гардонидаанд ва чароғи дилҳои моро барафрӯхтаанд. Аз ин рӯ, бароям мояи ифтихору саодат аст, ки Ҷашни бузурги байналмилалӣ ва башорати рӯзи ҷадид - Наврӯзи оламафрӯзро дар сарзамини бостонӣ ва фарҳангхези Тоҷикистон ба роҳбарон ва намояндагони воломақоми кишварҳои дӯст ва ба ҳамаи шумо, азизон, бо беҳтарин таманниёту орзуҳо табрику таҳният гӯям. Шодбошҳои самимии хешро ба ҳамаи меҳмонони азизу олиқадр иброз дошта, бо риояи суннати наврӯзӣ бори дигар таҳнияти аҷдодиро ба забон меорам:

***Бародар, ҷашни наврӯзат муборак!***
***Баробар шуд шабу рӯзат, муборак!***

**Дӯстони арҷманд!**

Мо аз он ҳам ифтихор дорем, ки дигар мардумони ҳавзаи фарҳангии наврӯзӣ низ дар ин ҷашни фархунда якдигарро бо ибораи фараҳбахши «Наврӯз муборак!» табрик мегӯянд. Дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯзи Аҷам ҳаргиз тасодуфӣ нест. Ин иқдоми муҳим на фақат дар рушди тамаддуни муосир фоли нек аст, балки гувоҳи он мебошад, ки имрӯз ҷаҳон беш аз ҳар вақти дигар ба арзишҳои олии маънавию ахлоқии фарҳанги наврӯзӣ ниёз дорад. Чандин ҳазор сол қабл ниёгони фарзонаи мо ба суннати фарҳангие асос гузоштанд, ки баёнгари пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва тантанаи покиву садоқат ва тозагиву озодагии инсонӣ мебошад.

Дар байни ниёгонамон расми хубе роиҷ буд, ки айёми наврӯзӣ хусумату кинаро аз қалбҳо берун меандохтанд ва дасти нотавону дармондагонро мегирифтанд. Мардум ба истиқболи Наврӯз, ки башорати рӯзи нав ва эҳёи табиату замин аст, манзилу кошонаи худро тозаву озода ва кӯчаву хиёбонҳоро бо ниҳолу гулбунҳо обод мекарданд.

Деҳқони ризқофарин дар айёми Наврӯз ба сари замини саховатбахш омада, онро ҷуфт мекард ва ба он тухми умед мепошид. Наврӯз зиндатарин ҷашне дар рӯи Замин буда, воқеан ҳам омадани соли навро ба кураи он ва сабзиши ҷадиди ҷаҳонро башоратгар аст. Ин ҷашн ҳар сол як маротиба чун бедориву эҳёи табиат фаро расида, бо ҳар равияи ғоявию фарҳангие, ки дар тӯли таърих рӯ ба рӯ шудааст, созгор омадааст ва боз ҳам зеботару ғанитар гаштааст. Масалан, яке аз русуми Наврӯзи аҳди Сосониён ба якдигар дар субҳи идона рехтани об будааст ва ин расм низ дар қуруни исломӣ ба сурати гулоб пошидан боқӣ мондааст.

Дар боби пайдоиши ин расм ривояти аҷибе ҳаст, ки аслан аз «Авасто» сарчашма мегирад. Ривоят чунин аст, ки дар замони шоҳ Ҷамшед ададин ҷонварон чандон зиёд шуд, ки паҳнои замин ба онҳо танг гардид. Худованд заминро се баробари он чӣ буд, фарохтар карда, мардумро амр намуд, ки ба об шустушӯй кунанд, то аз гуноҳҳояшон пок шаванд. Пас ҳама сол дар айёми Наврӯз ин корро мекарданд, то ин ки Худованд офатҳои он солро аз одамон рафъ гардонад. Дар замони ислом суннату ойинҳои ҷашни Наврӯз тавсеа пайдо карданд. Ин аст, ки доираи ҷуғрофии ҷашни бостонии Наврӯз дар олами имрӯз васеътару фарохтар гардида, баробари расман ҷаҳонӣ шуданаш боз ҳам зеботару шукӯҳмандтар гаштааст. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ Наврӯз дар замони давлати вақт низ ҷашн гирифта мешуд. Одобу русуми наврӯзӣ дар он замон дар кишварҳои ҷашнгиранда, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳаддалимкон нигоҳ дошта шуд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол Наврӯз ба ҷашну сурури умумимиллӣ табдил ёфта, сол аз сол шукӯҳу ҷалоли бештар мегирад. Бо фаро расидани ин ҷашни зебои табиат ҳар хонадони кишвар пур аз шодиву фараҳ мегардад ва марди деҳқон мисли пештара ба замин донаи умед мепошад. Миллати тоҷик ҷашни Наврӯзро тӯли садсолаҳо ба монанди забони модарӣ ҳифз намуда, дар замони навин онро ҷузъи таркибии ҳувияти миллӣ ва мояи сарбаландии маънавии худ медонад. Ба муносибати фарорасии Наврӯз аз рӯи анъана ва суннатҳои қадима мардуми мо беш аз ҳар вақти дигар даст ба корҳои хайр мезананд. Андарзи ҷовидонаи ниёгони башардӯстамон - «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» дар тӯли таҳаввули таърихии халқи мо ҳамеша парчами кору амал будааст, зеро фарҳанг ва тамаддун умуман, аз ҷумла фарҳанги Наврӯзи оламафрӯз, хислату ҷавҳари инсонсоз дорад. Бо ҳамкориву талоши кишварҳои мо Наврӯз, хушбахтона, ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд, ки ин дастоварди барҷаставу арзишманд аст. Акнун моро лозим аст, ки тамоми суннатҳои қадимии қисман ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаи Наврӯзро зина ба зина дубора эҳё намоем. Зеро мо вазифадорем, ки барои ҳифзу тарғиби арзишҳои ахлоқӣ ва рушди суннатҳои неки фарҳангии худ дар раванди пуртазоди ҷаҳонишавӣ иқдомоти мунтазам ва муассирро амалӣ гардонем. Умед дорам, ки Наврӯзи ҳуҷастапай имсол ба мардумони куҳанбунёду соҳибфарҳанги мо, аз ҷумла аҳли зиё, ҷиҳати бо нури илму маърифат мунаввар намудани роҳи аҳли ҷомеа, бахусус насли ҷавон ва ободгариву созандагӣ, муждаҳои тоза меорад, моро дар иҷрои нақшаҳои бунёдиву корҳои созандагӣ рӯҳу тавони тоза мебахшад ва барои ҳар як сокини ин сарзаминҳо рӯзи хушу соли накӯ ато менамояд. Сарфарозам, ки дар ин лаҳзаҳои оғози рӯзгори тозаву навин ва дар ин маҳфили пуршукӯҳу ҷалол ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва аҳли ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро бо ин ҷашни фарруху фархунда бори дигар самимона шодбош гӯям ва ба ҳар яки шумо сулҳу амонӣ, рӯзгори осуда, рӯҳи болида ва иқболу саодат орзу намоям. «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост», - мегӯянд. Бигзор аз файзу баракати баҳорон ва Наврӯзи оламафрӯз зиндагии ҳар фарди кишварҳоямон рангу таровати тоза гирад, дастархони ҳар хонадон пур аз нозу неъмат гардад, ваҳдати байналмилалии мо ҷовидона ва сулҳу субот дар саросари олам пойдор бошад!

***Эй Худованди замину осмон!***
***То ба Наврӯзи дигар моро расон.***

Бо изҳори ин ниятҳои нек мехостам ба қисмати нахустини нишасти байналмилалии Наврӯз ҳусни фарҷом бахшам ва ҳамаро ба Наврӯзгоҳи пойтахт ба ҷашни байналмилалӣ даъват намоям.

**Саломат бошед!**

# Ифтихору сарфарозӣ аз ҷаҳонишавии Наврӯз

**Гузориш аз Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012**

Субҳи рӯзи 25 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳои Афғонистону Покистону Эрон ва дигар меҳмонони олимақом дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012, ки дар Кохи Сомони бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок намуданд. Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон меҳмонони олимақом – Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардориро як-як истиқбол гирифта, ба тамошои намоишгоҳи наврӯзӣ даъват намуд. Тавре иттилоъ дода шуд, намоишгоҳи наврӯзӣ, тибқи анъанаҳои бостонии ниёгон, аз нишонҳои пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ ва гармию нармӣ бар сардию тундӣ, рамзҳои покию озодагӣ, хонҳои густурдаи ҳафт сину ҳафт шин, падидаҳои баҳори нозанин, оғози бедоршавии табиати зинда, мавсими кишт ва корҳои дигари саҳроӣ, эҳёи тозаи рӯҳи эҷодкории аҳли илму фарҳанг иборат аст. Дар ин намоишгоҳи дилкаш кишоварзон ва аҳли фарҳанги кишвар маҳсули ҳунарҳои зебо ва эҷодиёти худро пешкаши сарони давлатҳо ва дигар иштирокдорони воломақоми конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 гардониданд. Кори конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 бо аксгирии умумии сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Покистон ва роҳбарони ҳайатҳои расмии дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалию минтақавии сершумор оғоз ёфт.

Хотиррасон бояд намуд, ки барои иштирок дар тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз-2012 роҳбарон ва намояндагони воломақом аз зиёда аз 40 кишвар ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ба пойтахти Наврӯзи ҷаҳонӣ-шаҳри Душанбе ташриф овардаанд.

Дар ифтитоҳи конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ, Намояндаи хоси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид доир ба Афғонистон Ян Кубиш ва намояндагони воломақоми як қатор давлатҳои дигар суханронӣ намуда, бо ифтихору сарфарозии бепоён аз ҷаҳонишавии ин ҷашни бостонӣ мардуми кулли кишварҳои таҷлилкунандаи Наврӯзи оламафрӯзро табрику таҳният гуфтанд. Баёнияи Ҷашни байналмилалии Наврӯз-2012 ба тасвиб расид. Бо даъвати расмии Президенти Туркманистон қарор карда шуд, ки Ҷашни байналмилалии Наврӯз-2013 соли оянда дар пойтахти ин кишвар – шаҳри Ашқобод таҷлил карда шавад.

*www.prezident.tj*

# НАВРӮЗ ҶУЗЪИ ТАМАДДУН ВА АЗ ҶУМЛАИ АРЗИШМАНДТАРИН ҶАШНҲОИ БАШАРИСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз**

*25 марти соли 2012*

**Ҷалолатмаоб Ҳомид Карзай - Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон!**

**Ҷаноби Олӣ доктор Маҳмуди Аҳмадинажод - Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон!**

**Ҷаноби Олӣ Осиф Алӣ Зардорӣ - Раиси Ҷумҳурии Исломии Покистон!**

**Роҳбарони ҳайатҳои мӯҳтарам!**

**Ҳамватанони азиз!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**



Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш қабл аз ҳама меховҳам мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шуморо ба ифтихори Ҷашни пуршукӯҳи табиату баҳор, оғози сарсабзиву хуррамӣ, яъне Наврӯзи оламафрӯз, ки имрӯзҳо бо қадамҳои неку муборакӣ худ дар диёри зебову дилрабои Тоҷикистон фаро расидааст, самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва умуман мардуми сайёра, оромиву осоиш, хушбахтиву комронӣ ва дастурхони пурфайзи наврӯзиро орзу намоям. Мо аз ҷумлаи он мардумони хушбахте ҳастем, ки ин суннати деринаро бо маъниву мӯҳтавои амиқ ва ҷавҳари фалсафию рӯҳи зиндагисози он ба мерос гирифтаем. Имрӯз барои мо, тоҷикон ва кулли кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз, боиси ифтихор аст, ки ин ҷашни куҳану бостонӣ ва ҷашни зебои табиат аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун Ҷашни байналмилалӣ эълон шуд. Ин дастоварди арзишманд натиҷаи азму талоши муштарак ва пайгириҳои чандинсолаи Тоҷикистон ва чандин давлатҳои дӯсту бародар мебошад.

Маҳз машварату дастгирии ҳамдигарӣ буд, ки мо ба ин натиҷаи барҷаста шарафёб гардидем ва акнун моро зарур аст, ки дар оянда низ барои эҳё ва таҳкиму тақвияти ин ҷашни зебои ниёгонамон ва ба оламиён ба таври арзанда муаррифӣ кардани суннату русуми неки он саъю кӯшиш намоем.

Дар Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» омадааст, ки давлатҳои аъзои ин созмони мӯътабар бояд сатҳи огоҳиашонро дар бораи Наврӯз баланд бардошта, инчунин бо мақсади интишор ва тарғиби донишҳои марбут ба таърих ва суннатҳои наврӯзӣ ҳамасола чорабиниҳо баргузор намоянд.

Ин аст, ки ҳоло ҷуғрофияи таҷлили Наврӯз аз ғарби сарзамини Чин оғоз шуда, то Осиёи Марказӣ, Нимқораи Ҳинд, Қафқозу Русия, Аврупои Шарқӣ, Туркия, кишварҳои Араб ва Африқои Шимолӣ доман густурдааст. Яъне, Наврӯз ҳоло ба ҷузъи тамаддуни башарӣ табдил ёфтааст.

Инак, пас аз ҷаҳонӣ шудани Наврӯз имкониятҳои бештаре фароҳам омадаанд, ки кишварҳои мо ба воситаи таҷлили ҳамасола ва пуршукӯҳи Наврӯз суннатҳои волои онро, ки бархе аз онҳо бар асари ҳаводиси таърихӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд, бо дастгирии доираҳои илмиву фарҳангии ҳамдигар эҳё гардонанд ва ба оламиён собит намоянд, ки Наврӯз воқеан ҳам аз ҷумлаи арзишмандтарин ҷашнҳои башарист. Дар баробари ин моро лозим аст, ки суннатҳои наврӯзиро барои беҳбуди ҳаёти имрӯза ва таҳкими ҳар чӣ бештари равобити халқҳоямон истифода кунем.



Аз ҷумла ҳар сол, вақте ки дар яке аз кишварҳои мо ҷашни Наврӯз таҷлил мегардад, баргузор намудани намоиши дастовардҳои муҳими илмиву фарҳангӣ, кишоварзӣ ва амсоли он айни муддао мебошад.

Ба ин восита мо метавонем бо ҳамдигар боз ҳам бештар ошноӣ пайдо кунем, ки яке аз ҳадафҳои наҷиби Наврӯз ба ҳам наздик шудан ва тақвият бахшидани муносибатҳои дӯстона, инчунин ҳамкориву ҳамгироӣ миёни мардумони гуногун аст. Зеро дар шароити муосир ҳамаи мо дар марҳалаи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳонишавӣ қарор дорем ва башарият нисбат ба ҳар вақти дигар ба арзишҳои волои фарҳангӣ, суннатҳои зиндагисози маънавӣ, ахлоқи ҳамида, дӯстиву рафоқат, ҳамкорӣ ва сулҳу оромӣ ниёзи бештар дорад.

Дар чунин шароит Наврӯз барои кулли кишварҳои минтақа ва ҷаҳон чун мунодии сулҳу оромӣ, пиндору гуфтор ва кирдори нек, дӯстиву ҳамкории халқҳо хизмат намуда, ҳамзамон бо ин, ҳамаи моро сӯи рӯзгори ороми бехушунат ва талош ба хотири зиндагии осуда роҳнамоӣ мекунад. Итминон дорам, ки ташрифи меҳмонони олиқадр ва ҳайатҳои баландпоя аз кишварҳои дӯсту бародар ба Тоҷикистон ва ширкати онҳо дар маъракаи идонаи мо боиси таҳкими бештари равобити неки ҳамсоягӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкории миёни мамолики минтақа ва ҷаҳон хоҳад гардид.

Бо ҳамин орзуҳои неку таманниёти самимона бори дигар ҳамаи шумо – ҳамватанони азиз, кулли ҳамватанони бурунмарзӣ, меҳмонони олиқадр, намояндагони корпуси дипломатӣ ва созмонҳои байнамилалиро ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик гуфта, бароятон тансиҳативу рӯзгори обод ва барори кору пирӯзӣ орзу менамоям. Наврӯзатон фархундаву муборак бошад, меҳмонони олиқадр ва ҳамватанони азиз!

# Тантанаҳои ҷашнӣ дар Наврӯзгоҳи Душанбе



Тантанаҳои марказии Ҷашни байналмилалии Наврӯз-2012 бо иштироки сарони давлатҳо ва меҳмонони сершумори воломақом дар Наврӯзгоҳи пойтахт баргузор гардид. Ба муносибати ҷашни 3-юми Наврӯзи ҷаҳонӣ хиёбони Ҳофизи Шерозӣ аз шоҳроҳи хиёбони Исмоили Сомонӣ то даромадгоҳи Наврӯзгоҳ бо намоишгоҳи маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва неъматҳои табиати биҳиштосои Тоҷикистони офтобӣ оро ёфта буд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои Эрону Покистон – Маҳмуди Аҳмадинажод ва Осиф Алӣ Зардорӣ аз намоишгоҳи маҳсули ҳунарҳои мардумӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва кишоварзони кишвар, ки ҳама бо рамзу нишон ва ороишоти наврӯзӣ оро ёфтаанд, дидан карда, базму тараби идонаро бо аҳли завқу эҷод бо ҳам диданд.

Барномаи идонаи ҷашни 3-юми байналмилалии Наврӯз-2012 дар майдони фароҳи дохили Наврӯзгоҳи пойтахт бо ворид шудани сарони давлатҳои мазкур ва меҳмонони дигари воломақом оғоз ёфт. Бори нахуст дар ин ҷашнгоҳ, ки баъди навсозӣ дорои 14 ҳазор ҷойи нишаст гаштааст, Наврӯзи хуҷастаи ҷаҳонӣ бо барномаи рангини театрикунонидашудаи устодони санъату фарҳанги Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон бо инъикоси беҳтарин ҳунарҳои дилхушӣ, шодию нишоти наврӯзӣ, базми рақсу сурудҳои дилнавоз ва таҷассуми расму оини шӯҳратманди ниёгон истиқбол гирифта шуд. Мавриди зикри хос аст, ки Наврӯзгоҳи Тоҷикистон ба истиқболи Наврӯзи байналмилалии 2012 бо ҳунари волои меъморону наққошон ва дигар ҳунармандони хушсалиқаи кишвар зоҳиран шакли зодгоҳи Наврӯз – Тахти Ҷамшедро гирифтааст.

*www.prezident.tj*

# Баёнияи Наврӯз – 2012

25 марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сеюмин таҷлили Рӯзи байналмилалии Наврӯз бо иштироки сарони кишварҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, муовини Раиси Маҷлиси парлумони Қазоқистон, муовини сарвазири Туркманистон, муовини сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон, муовини раиси ноҳияи мухтори Синсзян-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой, вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Қирғизистон, Котиби генералии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, Намояндаи махсуси Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Афғонистон, Фиристодаи махсуси Сарвазири Ҳиндустон, сафири Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва намояндагони дигар кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардид. Тантанаҳои таҷлили Рӯзи байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои дӯстиву ҳамдилӣ ва рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои башардӯстонаи ин ҷашни бостонӣ, бо Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокдорони он - намояндагони халқҳое, ки дар фазои ягонаи тамаддун ва фарҳанги Наврӯз қарор доранд, ифтитоҳ гардид. Президентҳо ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои ширкаткунанда дар суханрониҳои хеш бо арзи сипос аз иқдомоти Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати баргузории ҷашнҳои якум ва дуюми Рӯзи байналмилалии Наврӯз, зарурати истифодаи зарфиятҳои ин ҷашни бостониро дар тавсеа ва рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд, таҳкими якдилии халқҳо ва кишварҳое, ки аз ин рӯз ҳамчун мероси фарҳангии муштарак арҷгузорӣ менамоянд, таъкид намуданд.

Дар доираи сеюмин ҷашни Рӯзи байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе барномаҳои гуногуни фарҳангӣ таҳти шиори «Наврӯз- ҳамбастагии маънавии халқҳо ба хотири фардои дурахшон» баргузор гардиданд. Ширкаткунандагони тантанаҳо бо арҷгузорӣ ба ташаббуси Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Туркия , инчунин дастгирии дигар кишварҳо дар мавриди ба иди Наврӯз додани мақоми байналмилалӣ, Баёнияи муштараки зеринро қабул намуданд:

1.Аз қарори Маҷмааи Умумии СММ A\RES\64\253 аз 18 феврали соли 2010 ҷиҳати эълон намудани 21 март ба унвони Рӯзи байналмилалии Наврӯз қадрдонӣ менамоянд;

2.Аз ташаббуси ЮНЕСКО дар мавриди таҷлили Наврӯз қадрдонӣ намуда, зарурати эҷоди василаи муносибро ҷиҳати истифодаи беҳтар ва хубтар аз дастовардҳои илмию фарҳангии ин созмони байналмилалӣ дар таҳияи заминаҳои фарҳангӣ, ки барои таҳкиму тавсеаи робитаҳои байни халқҳо заруранд, таъкид менамоянд;

3. Ташаббуси Ҷумҳурии Исломии Эронро ҷиҳати баргузории «Ҳамоиши байналмилалии саромадони Наврӯз» дар шаҳри Теҳрон дар соли гузашта бо қаноатмандӣ таъкид намуда, бо мақсади ҳифз кардан ва таҳкими мероси фарҳангӣ ва оинҳои Наврӯз, аз созмон додани гурӯҳ барои таҳияи «Санади умумиҷаҳонии Наврӯз» пуштибонӣ менамоянд;

4. Ба Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва муассисаи фарҳангии он пешниҳод мекунанд, ки доир ба иқдомоти худ ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ ҳамасола гузориш таҳия карда, минбаъд онро ба ҷашни навбатии Рӯзи байналмилалии Наврӯз манзур намоянд;

5.Ширкаткунандагони сеюмин ҷашни Рӯзи байналмилалии Наврӯз ба мардум ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргузории муваффақонаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз миннатдории самимонаи худро баён карданд;

6. Ширкаткунандагон пешниҳоди Туркманистонро ҷиҳати баргузории ҷашни навбатии Рӯзи байналмилалии Наврӯз дар моҳи марти соли 2013 дар шаҳри Ашқобод бо хушнудӣ ва мувофиқат пазируфтанд.

**ш.Душанбе, 25 марти соли 2012**

# Ифтитоҳи Бонки фаръии Бонки миллии Покистон дар Тоҷикистон

24 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ, ки низ барои иштирок дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Конфронси 5-уми байналмилалии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA- 5) ба шаҳри Душанбе ташриф овардааст, нахуст Бонки фаръии Бонки Миллии Покистон дар Тоҷикистонро ифтитоҳ намуданд.

Сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Осиф Алӣ Зардорӣ бо буридани лентаи рамзӣ Бонки фаръии Бонки миллии Покистон дар Тоҷикистонро, ки дар кӯчаи Айнии пойтахт қарор дорад, ифтитоҳ намуда, изҳори боварӣ карданд, ки он ба густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории миёни ду кишвар мусоидати фаъол мекунад.

Зикр гардид, ки Бонки фаръии Бонки миллии Покистон аз бузургтарин ва бонуфузтарин бонкҳои тиҷоратии ин кишвар аст ва он метавонад пули мӯътамаде бошад барои таъмини робитаҳои ногусастании миёни сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорону тоҷирони Тоҷикистону Покистон. Тавре иттилоъ дода шуд, сармояи оинномавии эълоншудаи бонки мазкур дар Тоҷикистон 50 миллион сомонӣ буда, ин маблағ барои рушди соҳибкории хусусӣ, маблағгузории савдо, беҳбудии шуғли аҳолӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави муосири хизматрасонии бонкӣ равона карда мешавад.

*www.prezident.tj*

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои созмоншудаи муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 778/1-353 | Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Бензини АИ-92 | литр | 6800 | 6.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 779/1-354 | Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 57 | 6.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 780/1-355 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 5 | 6.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 781/1-356 | Кумитаи андоз назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 7 | 6.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 782/1-357 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 4 | 6.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 783/1-358 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Қолини роҳрав (кремлевский) бараш 1,50 | метр | 150 | 6.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 784/1-359 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология»-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 18 | 6.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 785/1-360 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | С.Талбаков 227-66-60 | Аппарат ИФА | адад | 1 | 6.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 786/1-361 | Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 42 | 6.04.2012 соати $15^{00}$ |
| 787/2-267 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №29, н.Шоҳмансур | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои техникӣ | маҷмӯъ | 4 | 6.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 788/2-268 | Беморхонаи марказии н.Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 9 | 6.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 789/2-269 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 30 | 6.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 790/2-270 | Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 71 | 6.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 791/2-271 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 127 | 6.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 792/2-272 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти гарм | тонна | 500 | 6.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 793/2-273 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62<br>Бензини АИ-95 | литр<br>литр | 60000<br>15000 | 6.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 794/2-274 | Кумитаи ҳифзи табиати ноҳияи Варзоб | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Автомашинаи «МУСО», соли барориш - 2002 | адад | 1 | 6.04.2012 соати $14^{30}$ |
| 801/2-275 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 17 | 6.04.2012 соати $15^{00}$ |
| 795/3-134 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Идомаи корҳои сохтмону васлкунӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 796/3-135 | Мактаби таҳсилоти ибтидоии №80, ноҳияи Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии ошхонаи мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 797/-136 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №92, ноҳияи Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири дохилии бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 798/3-137 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири «Толори маҷлисгоҳи Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз» | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 799/3-138 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои н. Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории болопӯшҳои оҳану бетонии новаҳои бетонӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 800/3-139 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Ободонии ҳудуди ДТТ | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 529/4-24 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Р.Каримов 221-47-03 | Кондитсионер | адад | 2 | 6.04.2012 соати $9^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.






## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Музоядаи №8-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 19 апрели соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Дегхонаи №1 (Марказӣ), Корхонаи фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |
| 2 | Дегхонаи №3 (Артём), Корхонаи фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |
| 3 | Дегхонаи №6 (Райшёлк), Корхонаи фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**19 апреля 2012 года проводит аукцион №8 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Котельная №1 (Марказӣ), Дочернего предприятия «Жилищно -коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |
| 2 | Котельная №3 (Артём), Дочернего предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |
| 3 | Котельная №6 (Райшелк), Дочернего предприятия «Жилищно -коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведение: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия и безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукцион, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 92-796-40-16**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**





**ТРЕБОВАНИЯ:**

- ✓ высшее образование;
- ✓ опыт работы по специальности не менее 5 лет;
- ✓ уверенный пользователь ПК (MS, Office, 1C);
- ✓ знание иностранных языков (преимущественно английского языка);
- ✓ исполнительность, коммуникабельность, конфиденциальность, ответственность, умение работать в коллективе.

**УСЛОВИЯ:**

- ✓ высокая оплата труда;
- ✓ дополнительный социальный пакет от авиакомпании (медицинское обслуживание в собственном медицинском центре, предоставление льготных авиабилетов).

**Присылать резюме по адресу:**
**ул. Титова 32/1, или по эл. почте a.mavlonov@tajikairlines.com**

**☎ КОНТАКТНЫЕ ТЕЛЕФОНЫ: 48-701-50-45, 48-701-50-34.**


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0145107 бо РЯМ 0930040064-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 25 октябри соли 2010 ба Ҷамиев Одилбек Искандарович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Ш-№10240-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2010 ба Саидов Абдусамад Абдурасулович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тахти реестри 3Д – 4968-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳозира Сино) 20 сентябри соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Ғафуров, бинои 3, ҳуҷраи 49 ба Ғайратов Маҳмашариф Шодиевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Фрунзеи (ҳозира Сино) ш. Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Ғафуров, бинои 3, ҳуҷраи 49 соли 2001 ба Ғайратов Маҳмашариф Шодиевич додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0166425 бо РМА 355148126-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 11 апрели соли 2011 ба Бегматов Бахтиёр Алимахмадович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи дар бораи бақайдгирии давлатии №0079281-и гумшуда, ки онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 майи соли 2010 ба ҶДММ «Саври Нур» бо РЯМ 0310005190 додааст, эътибор надорад.

***

Мӯҳри гумшудаи ҶДММ «Саври Нур» эътибор надорад.

***

Ҳисобнома-фактураҳои аз рӯйи ААИ ва аксизҳои силсилаи ВВ, рақамҳои 168108, 168109 ва 168110-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Мӯъминобод соли 2011 ба ҶДММ «Саври Нур» додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ДТ № 839468-и гумшуда, ки онро Техникуми металлургии Тоҷикистон (шаҳри Турсунзода) соли 1997 ба Ғафуров Насибулло Ҳайбуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0060425 бо РЯМ 0730014505-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 4 апрели соли 2010 ба Ибадуллоева Нигора Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

ҶДММ «Фариштa», воқеъ дар деҳаи Чиртаки деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Бегматов Бахтиёр Алимахмадович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0166425 бо РМА 355148126 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 11 апрели соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Кормандони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Қосимов Қосимҷон Роҳбарович нисбати фавти ногаҳонии

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба хешу пайвандони марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Раёсат ва устодону кормандони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба профессор Исоматов Бобокалон бинобар даргузашти бародараш

**МУҲАММАДҶОН**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 27 марти соли 2012, соати 18.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора
А.Муродов

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова